ТАҚРИЗ

ба автореферати Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ "Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ" ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) – Душанбе, 2026.

Автореферати диссертатсияи ба тақриз пешниҳодгашта ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар раванди таълими забони англисӣ дар зинаҳои гуногуни таҳсилот (муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ) бахшида шудааст. Муаллифи рисола дар таҳқиқот бозиҳои дидактикӣ ҳамчун воситаи фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ ва муоширатии таълимгирандагон баррасӣ гардида, имкониятҳои педагогии онҳо дар ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои забонӣ, баланд бардоштани ангезаи омӯзишӣ ва фароҳам овардани муҳити фаъоли муоширатӣ мавриди таҳлил қарор дода мешаванд.

Дар таҳқиқоти мазкур қонуниятҳо, принсипҳо, меъёрҳои интихоб ва имкониятҳои бозиҳои дидактикӣ барои зинаҳои гуногуни таълим асоснок карда мешаванд. Санҷиши таҷрибавии низоми методии таҳияшуда бошад, бо мақсади таъмин намудани ягонагии шароити озмоиш ва муқоисашавандагии натиҷаҳо дар заминаи таълими забони англисӣ ба донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонии муассисаи таҳсилоти олӣ анҷом дода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар он сосҳои назариявию методологии истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ мушаххас, ҷамъбаст ва ба низоми ягона дароварда шуда, қонуниятҳои истифодаи онҳо вобаста ба мақсад ва мазмуни таълим, зинаи таҳсил, хусусиятҳои синнусолӣ ва сатҳи омодагии забонии таълимгирандагон муайян карда шудаанд; маҷмуи принсипҳо, меъёрҳои интихоб ва шароитҳои педагогии истифодаи самараноки бозиҳои дидактикӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст, ки мутобиқати фаъолияти бозигаронаро ба мақсаду вазифаҳои таълим, мазмуни маводи забонӣ, хусусияти фаъолияти нутқӣ, сатҳи омодагии таълимгирандагон ва вазифаҳои муоширатӣ таъмин менамояд; таснифи низомманди бозиҳои дидактикӣ аз рӯйи мақсади дидактикӣ, ҷанбаҳои забонӣ, намудҳои фаъолияти нутқӣ, дараҷаи мустақилияти таълимгирандагон ва шаклҳои ташкили фаъолияти таълимӣ таҳия гардида, имконияти интихоби мақсаднок ва истифодаи марҳилавии онҳо дар раванди таълими забони англисӣ асоснок карда шудааст; механизми методии таъсири бозиҳои дидактикӣ ҳамчун гузариши пайдарпайи таълимгиранда аз азхудкунии маводи забонӣ ба амали забонӣ, аз амали забонӣ ба вазифаи бозигарона, аз

вазифаи бозигарона ба амали нутқӣ ва аз амали нутқӣ ба ҳамкории муоширатӣ муайян ва асоснок карда шудааст, ки робитаи донишҳои забонӣ ва истифодаи амалии онҳоро дар фаъолияти муоширатӣ таъмин менамояд; низоми методии истифодаи бозиҳои дидактикӣ таҳия карда шудааст, ки ҷузъҳои мақсадӣ, мазмунӣ, ташкилию технологӣ ва натиҷавию арзёбиро дар сохтори ягона муттаҳид намуда, робитаи пайдарпайи мақсад, мазмун, интихоби бозӣ, фаъолияти омӯзгор ва таълимгиранда, татбиқ, назорат, бозхӯрд, рефлексия ва арзёбии натиҷаи таълимиро таъмин менамояд; технологияи татбиқи низоми методии пешниҳодшуда ҳамчун алгоритми марҳилавии фаъолияти педагогӣ таҳия гардида, тартиби ташхис, мақсадгузорӣ, интихоб ва мутобиқсозии бозӣ, омодасозӣ, ташкил ва гузаронидан, назорат, бозхӯрд, рефлексия ва арзёбии натиҷаҳоро фаро гирифта, маҷмуи бозиҳои забонӣ ва нутқӣ, вазъиятӣ ва нақшӣ ҳамчун воситаи амалисозии он ба низом дароварда шудааст; меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва сатҳҳои арзёбӣ муайян гардида, самаранокии низоми методии пешниҳодшуда дар озмоиши педагогӣ бо иштироки 240 нафар донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ тавассути таҳлили миқдорӣ, сифатӣ ва оморӣ тасдиқ ва ҳудуди татбиқи натиҷаҳои он мушаххас карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулосаи умумӣ ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 380 саҳифаро ташкил мекунад.

Боби якуми диссертатсия – **«Ҷанбаҳои назариявии нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ»** аз се зербоб иборат буда, дар он оид ба истифодаи бозӣ ҳамчун воситаи таълиму тарбия дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ, технологияи истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони англисӣ ва хусусиятҳои дузабонӣ дар муҳити омӯзиш, инчунин, нақши бозиҳои дидактикӣ дар омӯзиши забони хориҷӣ, дар мавриди мо забони англисӣ, сухан рафта, дараҷаи омӯзиши он дар таҳқиқоти олимони шуравӣ, Аврупо ва муҳаққиқони ватанӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюми рисола – **«Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар марҳилаи ибтидоии таълими забони англисӣ»** бахшида шуда, дар он истифодаи бозиҳои дидактикӣ ҳамчун воситаи самараноки таълимӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби сеюми рисола – **«Хусусиятҳои таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии забонӣ»** унвон гирифтааст. Дар ин боб муаллиф равияҳои муосири таълим, барномаҳо ва методҳо вижагиҳои таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии забонӣ, бозиҳои забонӣ ва хусусиятҳои истифодаи онҳо дар таълими забони хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Хулосаву натиҷаҳои таҳқиқ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар бандҳои алоҳида оварда шуда, истифодаи онҳо метавонад барои татбиқ қарор додани онҳо дар назарияву амалияи

семантика, маъноши́носии лингвистии соҳаи забоншиносии тоҷик саҳмгузор бошад.

Автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯянд.

Дар баробари ин дар автореферат баъзе камбудиҳоро мушоҳида кардан мумкин аст, ки ислоҳи онҳоро дар оянда ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар автореферат хатогиҳои имлоӣ, техникӣ ва грамматикӣ ба чашм мерасанд.

Эроди зикршуда ислоҳшаванда буда, ҳангоми таҳия ва нашри монографияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ ба назар гирифтани онҳо тавсия дода мешаванд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ “Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ” ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) гардидааст, таҳқиқоти анҷомёфта, мустақилона ва арзишманди илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 32-36-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3. Педагогика (5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ мебошад.

Муқарриз:
Доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби
илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Каримзода Мирзо Бадал

Нишонӣ: 734055 Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/2. Тел: (+992) 900853535; E-mail: takmil-bbk@mail.ru

Имзои Каримзода Мирзо Бадалро тасдиқ мекунам.

Нозири кадрҳо ва коргузории
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон М. Саидова